**ТДУ: 07+32.001**
**ББК: 76.01**
**О – 92**

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

**ОХУНЗОДА НАСРУДДИН**

# СИМОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ КИТОБИИ ТОҶИК

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти
дараҷаи илмии номзади илми филология
аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ

**Душанбе – 2020**

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Муродов Мурод Бердиевич –**
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи матбуоти ДМТ

**Муқарризони расмӣ:** **Бобоҷониён Ранохон Маҳмудзода –**
доктори илмҳои филологӣ,
вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Шарипов Сангимурод Исматуллоевич –**
номзади илмҳои филологӣ, сардори маркази таҳлиливу иттилоотии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

Ҳимояи диссертатсия 12 ноябри соли 2020, соати 13:00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, Бинои 10, Толори Шӯрои олимони факултети филологияи тоҷик) баргузор мегардад.

Бо муҳтавои диссертатсия тавассути сомонаи www.tnu.tj ва дар китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17 шинос шудан мумкин аст.

Автореферат рӯзи «___» ________ соли 2020 фиристода шуд.

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои филология, дотсент** **Гулназарова Ж. Б.**

# ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Муҳиммияти мавзӯи таҳқиқ.** Публитсистика ифодагари рӯҳияи давру замони муайян буда, мавзӯи он аз ҳаёти рӯзмарра маншаъ мегирад. Тӯли солҳои Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар кишвар дигаргуниҳои азим ва тақдирсозе ба вуҷуд омаданд. Аз ҷумла, кандани нақбҳо, бунёду тармими роҳҳо, сохтмони иншооти азим, ба кор даровардани неругоҳҳои барқи обӣ, ба шароити замони муосир мувофиқ гардонидани вазъи муассисаҳои таълимӣ аз маҷмӯи ободкориҳое мебошанд, ки дар умум, ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум равона шудаанд. Дар сархати рушду созандагӣ ва ободкориҳо дар мамлакат хидматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид ва эътироф мешавад. Нақши ин шахсият дар ташаккули давлатдории навини тоҷикон ва бунёди Тоҷикистони нав басо бузург ва нотакрор аст. Сиёсати давлатдорӣ, услуби роҳбарӣ, хислати мардумшиносӣ, инсондӯстӣ ва некхоҳии ӯ на танҳо дар ВАО, балки дар публитсистикаи китобиву адабиёти бадеӣ низ таҷассум ёфта, арҷгузорӣ шудааст. Аз ҷумла, дар асарҳои публитсистии «Нақби Истиқлол», «Меъмори ваҳдат», «Мардистон», «Достони Роғун», «Ҷасорат», «Корномаи Эмомалӣ Раҳмон», маҷмӯаҳои «Пешво – ифтихори миллат», «Бахтофарин» ва ғайра корнамоиҳои бемисли Эмомалӣ Раҳмон инъикосу тасвир шудааст, ки барои пажӯҳиши мавзӯъ манбаи боэътимод буда метавонанд. Дар ин радиф аз назми иҷтимоии марбут ба ин мавзӯъ низ метавон таъкид кард.

Омӯзиш ва пажӯҳиши ин асарҳо танҳо ба хотири шинохти маърифати публитсистии корнамоиҳои Пешвои миллат ва нишон додани қобилияту маҳорати муаллифони алоҳида набуда, балки барои ба низоми илмӣ даровардани сабақҳои касбии публитсистикаи муосир ва таъсири он ба наслҳои оянда низ мебошад.

Ба ин мазмун, мавзӯи «Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик» аз нигоҳи илмӣ нав буда, пажӯҳиши он аз аҳаммияти назариву амалӣ бархӯрдор аст. Дар натиҷаи пажӯҳиш, аз як тараф, корнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бозгӯ мешавад, аз ҷониби дигар, ҷанбаҳои публитсистӣ ва ҳунари нигорандагию образофарии публитсистон дар осори марбути мавзӯъ муайян мегардад.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ.** Тасвири симои шахсияти таърихӣ мавзӯи нав нест. Ин мавзӯъ дар кишварҳои зиёд, хосса, ИДМ мавриди таваҷҷуҳи аҳли илм қарор гирифтааст. Аз ҷумла, пажӯҳишҳои Денисов Ю. П. «Репрезентация образа Б. Н. Ельцина в российском политическом дискурсе в 2000-е годы (на материалах газетной прессы и книжной публицистики)», Сдельников В. А. «Роль личности президента В. В. Путина в современном имидже России» Кирюхина А. А. «Образ Владимира Путина в западных СМИ» намунаи онҳо буда метавонад.

Мавзӯи бунёдкорӣ ва кору пайкори шахсиятҳои намоён дар публитсистикаи тоҷик анъанаи таърихӣ дошта бошад ҳам, он дар публитсистикаи замони истиқлол мавқеи меҳварӣ пайдо кардааст. Дар ин самт навиштаҳои публитсистону адибон доир ба таърихи навини Тоҷикистон, истиқлолияти давлатӣ, Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, бунёдкорӣ, ки аз фаъолияту корномаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шаҳодат медиҳанд, мақоми хоса доранд. Осори марбут ба мавзӯи таҳқиқро ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1. *Асарҳои назариву пажӯҳишӣ, ки* масъалаҳои умумии эҷоди публитсистӣ ва вижагиҳои тасвири симои шахсиятҳои созанда ва кору пайкори онҳоро дар бар гирифтаанд. Ин асарҳоро дар навбати худ ба ду бахш метавон ҷудо кард:

*А) Асарҳои назариявию таълимӣ* ҷанбаи асосии назариявии мавзӯъро фаро гирифта, ҳамчун дастури таълимӣ ба шинохти публитсистика ва жанрҳои он мусоидат мекунанд. Китобҳои А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, У. Гулмуродов «Журналистикаи советии тоҷик», А. Саъдуллоев, П. Гулмуродзода «Ҳамосаи инсони кор», Н. Солеҳов, А. Саъдуллоев «Муаммои назарияи публитсистика», И. К. Усмонов «Назарияи публитсистика», «Жанрҳои публитсистика», М. Муродов «Асосҳои эҷоди журналистӣ», С. Гулов, М. Ҷумъаев «Муқаддимаи журналистика» ва ғайра намуна аз ин гурӯҳи осоранд.

*Б) Таҳқиқоти илмӣ.* Доир ба шинохти публитсистикаи тоҷик ва баррасии масъалаҳои марбут ба он аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик пажӯҳишҳои судманд ба анҷом расидааст. Дар ин пажӯҳишҳо ҷанбаҳои назарии публитсистика ва осори публитсистӣ бо дидгоҳҳои гуногун мушаххас шудааст. Намунаи ин пажӯҳишҳо дар осори зерин ҷамъбаст шудааст:

А. Саъдуллоев «Мавзӯи ҳозиразамон ва проблемаҳои инкишофи публицистикаи советии тоҷик» (дар мисоли эҷодиёти М. Турсунзода), «Таҳаввул ва инкишофи жанрҳои насри мустанади муосири тоҷик (солҳои 60-80)», «Хосияти адабиёт», И.К. Усмонов «Журналистика». (Ҷилди 3), А. Маниёзов «Публитсистика ва назми устод С. Айнӣ», М. Муродов «Публитсистикаи ҳаҷвӣ (масъалаҳои пайдоиш, инкишоф ва таҳаввул»), Н. Н. Салихов «Публицистика и миростроительство в Таджикистане», С. Гулов «Махсусияти очерки муосири тоҷик», О. Салимов «Публицистика Мирзо Джалола Юсуфзода», М. Шоев «Хусусиятҳои жанрию мавзӯии очеркҳои Фазлиддин Муҳаммадиев», С. Ҳайдаров «Бобоҷон Ғафуров – публитсист», А. Қутбиддинов, Ҷ. Раҳмонова «Хосияти публитсистика», Н.Усмонова «Оҳанги публитсистии романи Ҷумъа Одина «Гузашти айём», Н. Кӯчарова «Публитсистикаи Абдулҳамид Самад» ва ғайра.

2. *Осори умумӣ доир ба мавзӯи таҳқиқ.* Ин гуна осор бештар ҷанбаи илмию оммавӣ дошта, дар онҳо фаъолияти пурсамар ва шахсияти нотакрори Пешвои миллат тасвиру баррасӣ шудааст. Нигоштаҳои Н. Салимӣ, Х. Самеъ, Ҷ. Ҷӯразода, С. Саидов, Ф.

Баротзода, Д. Наҷот, М. Маҳмудзода, А. Муллоев, З. Сайидзода, А. Холов, Ф. Раҳимӣ, Х. Холиқназар. К. Олимов, А. Мақсудов, Ф. Ҳайдаров, С. Гулов, А. Қутбиддинов ва дигарон аз намунаҳои чунин осоранд.

Дар ин осор паҳлуҳои гуногуни фаъолияти доманадору мондагори Эмомалӣ Раҳмон таҳлилу арзёбӣ шудааст. Аксари ин навиштаҳо тақвиятбахши ҳамдигар буда, дар маҷмӯъ, нақши Пешвои миллатро дар рушди давлатдорӣ, беҳтар намудани зиндагии шоистаи мардум ба таври барҷаста нишон медиҳанд.

3. *Тақризу мақолаҳои илмиву оммавӣ.* Пажӯҳишҳои А. Раҳмонзода, Н. Салимӣ, А. Шарифзода, Ш. Солеҳов, М. Муродов, Ш. Раҳмон, Қ. Расулов, У. Ғаффоров, А. Азимов, М. Муқимов, Б. Муртазо, А. Раҳим, М. Ғуломмамадов, П. Киёзанд, Р. Худоёр, Г. Файзуллоева, Р. Холмирзо ва дигарон аз ҷумлаи осоре мебошанд, ки масъалаи баҳси онҳо то андозае ба мавзӯи диссертатсия иртибот дорад. Ин гуна осор бештар хусусияти нақдӣ дошта, дар онҳо ҳусну қубҳи осори публитсистии марбут ба иқдомҳо, ташаббусҳо ва корнамоиҳои Пешвои миллат таҳлилу арзёбӣ шудаанд. Дар баъзе аз чунин осор дар баробари вижагиҳои мундариҷавӣ ба аносири ҳунарии тасвир, ки барои офаридани симои Пешвои тоҷикон мусоидат кардаанд, низ эътибор дода шудааст. Ин асарҳо баёнгари дараҷаи омӯзиши ҳаматарафаи мавзӯи ин таҳқиқ нестанд, аммо дар пажӯҳиши мавзӯъ ва таълифи диссертатсия такягоҳи мо қарор доштанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ.** Мақсади асосии пажӯҳиш дар заминаи омӯзиш ва баррасиҳо муайян намудани нақши публитсистика дар тасвири корномаҳои пурҷабҳаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ба ин васила нишон додани ҷанбаҳои ҳунарии осори марбут ба мавзӯъ мебошад. Барои расидан ба ин мақсад ҳалли вазифаҳои зеринро зарур меҳисобем:

– тавсифи обзории осори публитсистӣ доир ба Эмомалӣ Раҳмон;

– баррасии заминаҳои таърихии ташаккули образи Эмомалӣ Раҳмон;

– бо усули муқоиса нишон додани дараҷаи тасвири симои Эмомалӣ Раҳмон дар асарҳои алоҳидаи публитсистӣ;

– муайян намудани вижагиҳои тасвири корномаҳои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобӣ;

– муайян намудани таносуби воқеият ва бадеият дар осори публитсистии марбут ба Пешвои миллат;

– нишон додани имконоти жанрҳои публитсистӣ ва ҳунари муаллифон дар офаридани симои шахсияти таърихӣ;

– баррасии таносубии воқеияти иҷтимоӣ ва нақши аносири ҳунарӣ дар тасвири образи инсони воқеӣ.

**Объекти таҳқиқро** асарҳои «Меъмори ваҳдат», «Роҳ ба сӯйи созиш», «Мардистон», «Достони Роғун», «Ҷасорат», «Корномаи

Эмомалӣ Раҳмон», «Нақби Истиқлол», «Пешво – ифтихори миллат», «Бахтофарин», «Эмомалӣ Раҳмон дар оинаи замон» ва ғайра ташкил медиҳанд.

**Предмети таҳқиқ** муайян кардани вижагиҳои мавзӯӣ, жанрӣ ва ҳунарии осори публитсистии китобӣ доир ба корнамоиҳои Пешвои миллат мебошад.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ,** пеш аз ҳама, дар он ифода мегардад, ки дар он бори аввал тасвири шахсият ва симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобӣ мавриди пажӯҳиши диссертатсионӣ қарор дода шудааст. Мавзӯи мазкур ба омӯзиши симои шахси бунёдкор ва сиёсатмадори варзида дар осори публитсистӣ мушаххас шуда, дар он аз як тараф, вижагиҳои чунин осор, аз сӯйи дигар, ташаккули шахсияти таърихӣ муайян карда шудааст. Ҳамчунин, дар пажӯҳиш ба масъалаҳои назарӣ ва амалии публитсистика, нақш ва корбасти аносири жанрҳо дар инъикоси мавзӯъ низ эътибор дода шудааст, ки хусусияти навгонӣ доранд.

**Методҳои таҳқиқ.** Методи асосие, ки ҳангоми пажӯҳиш ба он такя шуд, равиши таърихӣ ва муқоисавӣ буда, заминаҳо ва тамоюлҳои замони таърихӣ ва фарҳанги зуҳури масъаларо фаро мегирад. Истифода аз ин методҳо дар такя ба принсипи хронологизм дар бозтоби симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобӣ имкон фароҳам овард. Инчунин, аз методҳои таҳлили анъанавӣ, муқоисавӣ, таҳқиқи тарҷумаиҳолӣ истифода шуд.

**Асосҳои назариявию методологии таҳқиқ.** Дар диссертатсия таълифот ва коркардҳои ҷудогонаи назарӣ ва амалии донишмандони маъруфи соҳа, мисли М. Черепахов, Л. Тимофеев, В. Горохов, А. Аграновский, В. Афанасев, Е. Журбина, В. Учёнова, Е. Прохоров, А. Тертичний, М. Ким, осори муҳаққиқони тоҷик А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, М. Имомзода, П. Гулмуродзода, М. Абдуллозода, А. Азимов, М. Муродов, Ҷ. Садуллоев, М. Муқимов, Ш. Муллоев, С. Гулов, А. Қутбиддинов ва дигарон дар соҳаи таърих, назария ва амалияи публитсистика мавриди истифода қарор гирифтанд.

**Аҳамияти назарии таҳқиқ.** Маводи диссертатсия ва пажӯҳишу ковишҳои таҳқиқот донишҳои назарии публитсистикашиносиро нисбатан пурра намуда, ҳангоми навиштани мақолаҳо ва таълифи рисолаҳои илмӣ, баррасии паҳлуҳои ҷудогонаи осори публитсистии марбут ба корнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, таҳқиқи масъалаҳои алоқаманд ба таҳаввул ва инкишофи публитсистика дар замони муосир, муносибати публитсистон ба воқеияти иҷтимоӣ, ҷанбаҳои сотсиологӣ, маърифатӣ ва ҳунарии публитсистика ва амсоли ин истифода шуда метавонад.

Ҳамчунин, диссертатсия дар омӯзиши ҳаматарафаи саҳми публитсистон дар инъикоси раванди бунёдкориҳо, сохтмони иншооти азим, нақши шахс дар давлатдории миллӣ судманд аст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқ**. Натиҷаҳои таҳқиқ дар раванди таълими фанҳои тахассусии журналистика, таҳлили матни публитсистӣ, навиштани китобҳои дарсӣ, таҳияи воситаҳои таълимӣ, омода намудани курсу семинарҳои махсус дар факултету шуъбаҳои журналистикаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонанд мавриди истифода қарор гирад. Ҳамчунин, маводи диссертатсия барои журналистону публитсистон дар раванди фаъолияти касбӣ хизмат расонида метавонад.

**Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя нуқтаҳои зерин пешниҳод мешаванд:

1. Дар ташаккули симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобӣ заминаҳои таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ таъсиргузор будааст. Марҳалаҳои бартарафсозии нооромиҳои кишвар, баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ интихоб шудани Эмомалӣ Раҳмон, интихоби ӯ ба маснади президентӣ боис шуда, ки раванди ташаккули ин чеҳраи таърихӣ сурат гирад ва ӯ дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ маъруфи ҳамватанону ҷаҳониён гардад;

2. Ҷасорату шуҷоат ва корнамоиҳои беназири Эмомалӣ Раҳмон дар осори публитсистӣ ҷойгоҳи муҳимму арзишманд дорад. Дар публитсистикаи китобӣ зиндагинома ва корномаи ӯ ба таври воқеӣ ва бо самимияти шаҳрвандӣ инъикосу тасвир гардидааст. Ин осор, дар маҷмӯъ, барои муайян намудани ташаккули хислату характер ва корнамоиҳои бунёдкоронаи як шахсияти таърихӣ мусоидат мекунанд;

3. Хусусиятҳои мавзӯии осори публитсистӣ. Шинохти қобилияти роҳбарӣ ва хислатҳои хоси Эмомалӣ Раҳмон: як будани қавлу амал, пайваста дар фикри ободии Ватан будан, ҳамеша андешаи осудагии кишвар ва некуаҳволии мардумро дар сар доштан, ҳисси масъулият ва кордониро аз тобеон хостан аз ҷониби публитсистон ҳамгун тасвир шудааст. Тасвири ҷузъиёти он дар осори публитсистӣ. Аносири умумӣ ва хос дар инъикоси воқеиёти иҷтимоӣ ва тавсифи корномаи Пешвои миллат;

4. Ҷанбаҳои умумӣ ва хоси асарҳои публитсистӣ. Умумият ва фарқи чунин осор. Истифодаи панорамаи васеи воқеаҳо, вижагиҳои тасвир ва ҳунари чеҳранигорӣ дар онҳо. Раванди ташаккули симои Пешвои миллат бо нишон додани фаъолият дар роҳи Ваҳдати миллӣ, баланд бардоштани фарҳангу маърифати ҷомеа, арҷгузорӣ ба арзишҳои таъриху тамаддун, муаррифии Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ, эҳёи ҷашнҳои миллӣ, мусоидат ба ҳифзу густариш ва рушди забон, меҳру ихлос ва муҳаббату самимият ба мардум, дастгирии ятимону бепарасторон ва амсоли ин;

5. Махсусияти инъикосу тасвири иқдомҳо ва ташаббусҳои Сарвари давлат дар бунёди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд, пешрафти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ дар осори публитсистикаи китобӣ. Бахшҳои иқтисод, сиёсати иҷтимоӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва вижагиҳои баррасии онҳо. Нақш ва мавқеи муаллифон дар инъикос ва маънидоди ин бахшҳо;

6. Имкониятҳои жанрҳои публитсистию бадеӣ, амсоли лавҳаву очерк ва қиссаҳои ҳуҷҷатӣ дар тасвири корномаҳои Пешвои миллат. Қобилият ва маҳорати публитсистони алоҳида дар фарогирии имконот ва корбасти аносири ин жанрҳо. Таносуби воқеият ва образи публитсистӣ дар нишон додани чеҳраи аслии қаҳрамон.

7. Ҳунару маҳорати нигорандагии адибону публитсистон дар офаридани хислату характер, ҷасорату иродат ва санъати сиёсатмадории Пешвои миллат. Сабку шеваҳои гуногун ва услуби хоси муаллифони алоҳида. Таносуби воқеият ва бадеият, нақл ва тасвир, истифода аз усулҳои мухталифи эҷодӣ, тавсифи фикру андеша, корбасти зарбулмасалу мақол, ифодаю таъбирҳои мардумӣ, абёту қитъаҳои шеърӣ, тасвири манзараҳову ҷузъиёти кору зиндагӣ, зебоиҳои табиат, портретсозӣ (тасвири симою қиёфа), руҷӯъҳои лирикӣ, муколамасозӣ (диалогҳо), такя ба асноду ҳуҷҷат, далоилу арқом, пафоси баланди нигорандагӣ ва монанди инҳо, ки дар сохтани сужа, офаридани характер, хислат, тип ва образи воқеӣ мусоидат намудаанд.

**Саҳми шахсии муҳаққиқ** дар ҷамъоварии маводи зарурӣ, тасвиби натиҷаҳо, омода намудани мақолаҳо ва маърӯзаҳо доир ба мавзӯъ зоҳир мегардад. Таҳқиқоти мазкур аз ҷониби худи муаллиф мустақилона ба анҷом расонида шудааст.

**Татбиқи натиҷаҳои илмии диссертатсия.** Мазмуну моҳияти асосии диссертатсия дар 16 мақола, аз ҷумла, 5 мақолаи дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашргардида ифода ёфтааст.

Доир ба мавзӯи таҳқиқ диссертант дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалии «Нақши ВАО дар таҳкими ваҳдати миллӣ», «Публитсистика дар замони истиқлол», «Матбуоти даврии тоҷик дар шароити инкишофи технологияи муосир», «Устод Садриддин Айнӣ ва матбуоти тоҷик», «Устод Айнӣ – маорифпарвар», «Пешвои миллат – ҳомии забон», «Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ», «Мушкилоти дастрасӣ ба иттилоот дар воситаҳои электронии ахбор: дурнамо ва инкишоф», «Ҷаҳонишавӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо дар замони муосир», «Дипломатияи об ва омилҳои фарогири он дар бозтоби воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои Осиёи Марказӣ» ва конференсияҳои ҳамасолаи илмии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2016-2019) маърӯза хондааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои матбуот, журналистикаи байналхалқӣ, телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (қарори №2, аз 19 октябри соли 2019) муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш фасл ва хулосаву рӯйхати адабиёт таркиб ёфтааст.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддима аҳаммияти мавзӯи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои муайян, навгониҳои таҳқиқ, арзиши назарӣ ва амалии он, асосҳои методологии таҳқиқ, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ муаррифӣ шудааст.

Боби аввали диссертатсия – «**Тавсифи умумии осори публитсистӣ доир ба Эмомалӣ Раҳмон»** аз ду фасл иборат аст. Дар фасли аввал «**Заминаҳои таърихии ташаккули образи Эмомалӣ Раҳмон**» омилҳои ташаккули симои Пешвои миллат мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ҳама давру замон нақши шахс дар ташаккулу инкишофи ҷомеа бориз аст. Дар таърихи инсоният исми ашхоси шинохтае зикр шудааст, ки барои пешрафти ҷомеаи худ заминаи хуб ва зиндагии шоистаро таъмин кардаанд ва ҳамеша мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд. Ба таври мухтасар хидматҳои таърихию мондагори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба таври зайл метавон арзёбӣ намуд:

1. Бо сарварии хирадмандона ва фидокорию ҷонбозиҳои Президенти ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сулҳу осоиштагӣ ба даст омада, Ваҳдати миллӣ ҳамчун падидаи сиёсӣ ва муттаҳидсози миллат ҳукмфармо гардид;

2. Тоҷикистон аз хатари пора-пора шудан ва ҳамчун давлати мустақил аз байн рафтан бо кӯшишҳои Пешвои миллат эмин нигоҳ дошта шуд;

3. Ба Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муяссар гардид, ки нухбагони сиёсии дорои тафаккури баланд ва содиқ ба ормонҳои миллиро баҳри рушди мамлакат дарёфт ва муттаҳид намояд;

4. Пешвои миллат ба бедории тафаккури сиёсии мардум мусоидат карда, дурнамои ояндаи сохти давлатдориро тарҳрезӣ намуд, ки бо номи давлати демократӣ, дунявӣ, ҳуқуқбунёд ва ягона маълум мебошад;

5. Ба ташаккул ва мустаҳкам гардидани сохтори ниҳодҳои интизомии мамлакат асос гузошт;

6.. Тоҷикистон зина ба зина, бо таҳким ёфтани сулҳу субот ба кишвари саноатию аграрӣ табдил ва созандагиву бунёдкорӣ дар қаламрави он рушду тақвият ёфт;

7. Президент ба инкишофи ҷомеаи мадании шаҳрвандӣ мусоидат карда, ваҳдату ягонагиро шиори аҳли ҷомеа эълон намуд;

8. Амалигардии ҳадафи асосӣ – падидаи сулҳ ва тантанаи он дар кишвар бо номи Президент Эмомалӣ Раҳмон иртиботи қавӣ дошта, он ҳамчун модели сиёсӣ дар масъалаи ба ҷанг нуқта гузоштан ва омили асосии таҳкими сулҳу ваҳдат барои кишварҳои ҷангзадаи дунё хидмат мекунад;

9. Шуҳрату нуфузи Тоҷикистон ба ҳайси як давлати мустақил дар ҷаҳон боло рафт;

10. Низоми нави давлатдорӣ ба миён омада, иқтисоду иҷтимоиёти кишвар рушду такомул ёфт.

Ин ҳама хизмат ва таъмини сулҳ дар кишвар аз як тараф, заминаҳои асосии ваҳдати миллӣ, рӯҳияи созандагӣ, инкишофи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, эътибору нуфузи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ва амсоли ин гардида бошад, аз сӯйи дигар, боиси тавлиди осори гуногуни илмиву публитсистӣ ва ҳунариву бадеӣ доир ба шахсият ва кору пайкори Эмомалӣ Раҳмон шуд. Шинохти қобилияти роҳбарӣ, дар қавли худ устувор будан ва дар иҷрои он кӯшидан, пайваста фикри ободии кишвар, осудагӣ ва некуаҳволии мардумро дар сар доштан, ҳисси масъулият ва кордониро аз тобеон хостан аз хислатҳои умдаи Эмомалӣ Раҳмон буда, ки дар ташаккули образи ӯ заминагузор мебошанд.

Фасли дуюми ин боб **«Симои Пешвои миллат дар асарҳои алоҳидаи публитсистӣ»** ном дорад. Дар он дар заминаи осори публитсистӣ образи Сарвари давлат таҳқиқу таҳлил шудааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фаъолияти роҳбарии худ тавонист ҳама нақшаву барномаҳоеро, ки баҳри пешрафти ҷумҳурӣ нақши муассир ва ҳалкунанда мебозиданд, бо садоқат ва бо ҳисси баланди масъулият ба иҷро расонад ва дар ин замина нақшаҳои бузургтари дигарро барои рушду таҳаввули ҷомеа тарҳрезӣ намояд. Ӯ дар кӯтоҳтарин муҳлати таърихӣ тавонист кишвари гирифтори ҷангро ба макони амн табдил дода, Тоҷикистонро барои ҳамкориҳои густурда бо кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон ҳамчун мамлакате, ки сиёсати «дарҳои кушод»-ро пеш гирифтааст, шиносонад. Дар арсаи байналмилалӣ Пешвои миллат ҳамчун сиёсатмадори сулҳовар ва ташаббускор маъруф гардидааст. Китобшинос Шариф Комилзода асарҳоеро, ки фаъолият ва корномаи Пешвои миллатро инъикос мекунанд, дар китобномаи «Эмомалӣ Раҳмон дар адабиёти бадеӣ» феҳрист намудааст, ки он 844 асарро дар бар мегирад. Асарҳоеро, ки фаъолият ва корнамоиҳои Сарвари давлатро инъикос менамоянд, метавон ба гурӯҳҳои зер тақсим кард:

1. Асарҳои дорои хусусияти таърихӣ;
2. Асарҳои ба сафарҳои Президент бахшидашуда;
3. Асарҳои назмӣ;
4. Асарҳои публитсистӣ;
5. Асарҳои дар матбуоти даврӣ чопшуда.

Бо назардошти самти таҳқиқ, мо дар ин фасл танҳо ба асарҳои публитсистӣ такя мекунем, зеро вақте ки «публитсистика мегӯем, бояд ба омма сару кор доштани онро дар мадди назар дошта бошем».[1]

Дар асарҳои С. Мирзошоев, Ш. Ҳаниф «Меъмори ваҳдат», Ш. Мӯсо «Президенти мо», «Ҷасорат», Н. Абдулваҳҳоб, У. Шерхон

[1] Қутбиддинов, А. Хосияти публитсистика / А. Қутбиддинов, Ҷ. Раҳмонова. – Душанбе, 2018. – С. 7

«Ваҳдатовар», М. Тоштемиров «Ҳомии сулҳу ваҳдат», М. Тоштемиров, С. Фаттоев «Шоҳроҳи сулҳофарӣ ва бунёдкории Президент Эмомалӣ Раҳмон», В. Сухомлинов, Г. Шалаев «Роҳ ба сӯйи созиш» ва ғайра умумияти хоси ғоявию услубӣ ва воқеиятнигорӣ дар бозтобу тасвири симои ҳақиқии Сарвари давлат ба он мусоидат намудааст, ки муаллифон на ба таври нақли якранги умумию хронологӣ, балки бо истифода аз василаҳои гуногуни бадеию образнок ва публитсистӣ ба кашфи асрори сарварии Президент ва санъати давлатдорию сиёсатмадории ӯ ноил гарданд. Дар ин асарҳо ҳамбаста бо тасвири воқеаҳову эпизодҳои марбут ба оғозу идома ёфтани музокироти сулҳи тарафҳо, ки гоҳо хусусияту пафоси диққатҷалбкунандаи образноки бадеӣ пайдо мекунад, ҷанбаи таҳлилию ҳуҷҷатнигорӣ, ки пероста бо далоилу арқоми таърихист, ба мушоҳида мерасад.

Дар тамоми ин осор симои Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Роҳбари қавиирода, сулҳпарвару наҷотбахши давлату миллат дар марказ қарор гирифтааст. Мусаллам аст, ки инъикосу офариниши образи Сарвари давлат аз ҷониби адибону публитсистон ба таври гуногун сурат гирифта, ҳунару маҳорати нигорандагии муаллифон дар як поя намебошад. Дар маҷмӯъ, адибону публитсистон бо тасвироти панорамавию бавусъати худ дар лаҳзаву замони гуногун тавонистаанд образи хотирмону мукаммали Пешвои миллатро воқеъбинона рӯйи сафҳа оранд.

Боби дуюм – **«Вижагиҳои тасвири симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобӣ»** аз ду фасл иборат буда, дар заминаи осори публитсистӣ нақши Эмомалӣ Раҳмон дар истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ ва бунёдкориҳо дар даврони соҳибистиқлолӣ таҳқиқу баррасӣ шудааст. Фасли аввали ин боб **«Тасвири корнамоиҳои Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун истиқроргари сулҳу ваҳдати миллӣ»** унвон дошта, осори адибону публитсистонеро, ки хидматҳои Сарвари давлатро дар таъмини сулҳу ваҳдат дар кишвар бозтоб кардаанд, фаро мегирад.

Асарҳои фарогирандаи фаъолияти сулҳофарии Эмомалӣ Раҳмонро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд:

1. Асарҳое, ки хусусияти таърихӣ дошта, аз ҷониби муаррихону сиёсатмадорон навишта шудаанд;
2. Асарҳои публитсистӣ, ки муаллифонашон адибону публитсистон мебошанд.

Муаллифони асарҳои гурӯҳи аввал бештар ба рафти музокирот эътибор дода, аз воситаҳои ҳунари нигорандагӣ камтар кор гирифтаанд. Дар асарҳои онҳо марҳалаҳои ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ ва лаҳзаҳои ҳассосу ҳалкунандаи раванди музокироти сулҳи тоҷикон, нақши Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Раиси Шӯрои Олӣ ва сипас ба ҳайси Президенти кишвар лаҳза ба лаҳза чун шахсияти асосии музокироти сатҳи олӣ инъикос шудааст. Дар ин ҷо метавон асарҳои И.Усмонов «Асноди сулҳ» (1996), «Роҳи сулҳ» (1997), «Лаҳзаҳои сулҳи ботадбир», (1999), «Пайки оштӣ» (1999, бо ҳаммуаллифӣ), «Сулҳнома» (2001),

«Миростроительство в Таджикистане» (2006), «Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол» (2003), «Таҳкими сулҳ ва таҳаввулоти Тоҷикистон», «Савганди сулҳофаринӣ» (2017), А. Достиев «Ситораи ғолиб», В. Ғаффорӣ, З. Сайидзода «Эмомалӣ Раҳмон дар оинаи замон» (2012) ва даҳҳои дигарро ёдрас шуд, ки дар онҳо фаъолияти Президенти кишвар зина ба зина чун воқеияти бебаҳс бевосита нишон дода шудааст. Як хусусияти асосии ин асарҳо дар он аст, муаллифон на танҳо ҳамчун шоҳид раванди музокироти сулҳи тоҷиконро инъикос кардаанд, балки бо таҳлилу баррасиҳо онро арзёбӣ намудаанд. Профессор И. Усмонов ба хизмати таърихии Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун «наҷоти миллат аз гирдоби фоҷиабори ҷанг» ва «нигоҳ доштани киштии шикастаи ҳукумат аз ғарқу нобудшавӣ» баҳо медиҳад. Мавриди зикр аст, ки аксари асарҳои ба масъалаи сулҳ бахшидаи муҳаққиқ И. Усмонов ҳамин нуктаро тақвият мебахшанд.

Дар осори адибону публитсистон раванди ба даст овардани сулҳи тоҷикон дигаргуна тасвир шудааст, ки кори хонандаро дар дарки умқи масъала осонтар мегардонад. Аз ҷумла, ин хусусиятро дар асарҳои алоҳида ва очерку эссеҳои М.Тоштемиров, З.Сайидзода «Ҳомии сулҳу ваҳдат» (1997), М.Тоштемиров «Корвони истиқлол - ба сӯйи истиқбол» (1999), В. Сухомлинов, Г. Шалаев «Роҳ ба сӯйи созиш» (2003), С. Мирзошоҳ, Ш.Ҳаниф «Меъмори ваҳдат» (2004), «Бахтофарин» (2011), А. Ҳамдам, Л. Чигрин «Корномаи Эмомалӣ Раҳмон» (2012), Ш. Мӯсо «Президенти мо» (2014), Ш. Мӯсо «Ҷасорат» (2016), «Пешво – ифтихори мо» (2016), «Пайғоми истиқлол» (2016), Т. Зулфиқор «Чойхонаи лаби ҷар» (2018) ва ғайра мушоҳида мекунем.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми асари публитсистӣ офаридани ғоя ва фикри созанда аст. Ҳар як муаллиф кӯшиш мекунад, ки ғояи баланди бадеиро дар меҳвари навиштаи худ қарор бидиҳад ва ба ин васила, дар пешрафт ва эъмори ҷомеа нақш гузорад. Ба таъкиди А. Саъдуллоев, «Асари бадеӣ ва публитсистӣ, пеш аз ҳама, кашфи ғоя аст. Дар ғоя воситаи моҳияти иҷтимоии асар ифода мегардад, барои нишонрас ва фарогир шудани идея ба эҷодкор кунҷковӣ лозим аст, аммо кунҷковӣ бояд мақсаднок бошад. Бофтани ҳама гуна фабула бо мақсади ифодаи ин ё он ғоя барои асари бадеӣ зарарнок аст».[2]

Муаллифони «Ҳомии сулҳу ваҳдат» нақши созандаи шахсро дар роҳи расидан ба сулҳу ваҳдат ҳамчун ғояи асосии худ қарор дода, дар баробари нишон додани хизматҳои Сарвари давлат дар раванди ба даст овардани сулҳи тоҷикон, ҳамчунин, хислатҳои инсонии ӯро пешорӯйи хонанда намудаанд. Ба таъбири муҳаққиқ А. Қутбиддинов, «Таъиноти аввалиндараҷаи публитсистика низ он аст, ки ба таври фаврӣ бо шууру афкори омма таъсир гузорад. Яъне, дар ин самт бештар воқеият нақши муҳимро мебозад».[3]

---

[2] Саъдуллоев, А. Хосияти адабиёт / А. Саъдуллоев. – Душанб: Адиб, 2000. – С. 34
[3] Қутбиддинов, А. Домани наср / А. Қутбиддинов. – Душанбе, 2011. – С. 80

Умуман, адибону публитсистон раванди сулҳи тоҷиконро, ки бо талошҳои пайвастаи Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадааст, воқеӣ, аммо образнок иншо намуда, бо истифода аз воситаҳои гуногуни тасвир, аз як тараф, нигоштаҳояшонро хонданбоб гардонидаанд, аз ҷониби дигар, симои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун меъмори сулҳу ваҳдати тоҷикон самимӣ нишон додаанд.

Асарҳои мавриди таҳқиқ, ки як мавзӯъро дар бар гирифта, корнамоиҳои як шахсро васф кардаанд, то андозе ба ҳам шабоҳат доранд. Ин шабоҳат ба предмети инъикос иртибот дошта, маърифати мавзӯъ, шинохти қаҳрамон барои ҳар як муаллиф бо вижагии хос сурат гирифтааст. Бо вуҷуди ин, ҳама ба ҳақиқати корнамоиҳои Сарвари давлат қоил буда, тарғиби онро василаи тарбияи ҷомеа ва таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ арзёбӣ мекунанд.

Фасли дуюми боби мазкур **«Азми созанда ва бунёдкориҳои шахсияти таърихӣ дар таҳкими истиқлолияти миллӣ»** ном дорад, ки адибону публитсистон бо истифода аз василаҳои бадеӣ бо ҳунари баланди нигорандагӣ раванди бунёдкориҳо, сохтмони НБО-ҳо, нақбҳо ва монанди инҳоро ба риштаи тасвир кашида, образи мукаммалу ибратомӯзи Пешвои миллатро офаридаанд. Дар ин фасл осори публитсистии таълифшуда, ки дар меҳвари онҳо хидматҳои мондагор ва азму талоши Сарвари давлат дар самти созандагию ободкории кишвар қарор гирифтааст, таҳлилу баррасӣ (ҳам аз ҷиҳати муҳтавою ғоя ва ҳам аз нигоҳи ҳунару маҳорати нигорандагӣ) гардидааст.

Дар публитсистикаи тоҷик инъикоси мавзӯи бунёдкорию созандагӣ ва ба шоҳроҳи рушду тараққиёт ворид гардидани Тоҷикистон, агар дар як идда навиштаҳо хусусияту тобиши таҳлилӣ пайдо карда бошад, дар матолиби дигар оҳанги нақлӣ ва оморӣ касб кардааст. Осори публитсистии марбут ба ҷабҳаҳои созандагӣ, пешрафти саноату иқтисодиёти кишварро, ки дар онҳо нақши Президент Эмомалӣ Раҳмон ва хидматҳои анҷомдодаи ӯ бориз аст, метавон ба ду гурӯҳ ҷудо кард:

1. Асарҳое, ки ҷанбаи бадеии пурқувват доранд. Ҳарчанд ин осор дар заминаи ҳуҷҷату санадҳои муътамад таълиф гардидаанд, дар онҳо тасвир ва обуранги бадеӣ мавқеи меҳварӣ дорад. Ба таъкиди адабиётшинос Р. Мусулмонқулов, дар ин асарҳо «…тахайюл дар шаклгирии асар нақш дошта, аммо истиқлол надораду тобеи воқеият аст».[4] Ба ин асарҳо қиссаҳои мустанади адибони соҳибтаҷриба Б. Муртазо «Нақби Истиқлол» ва Ш. Мӯсо «Мардистон», «Достони Роғун» ва «Ҷасорат» дохил мешаванд.
2. Асарҳое, ки дар онҳо таҳлилу таҳқиқи журналистӣ ва нақлу бозгӯйи фаъолияти Сарвари давлат дар такя ба факту далелҳо бартарӣ дорад. Ин асарҳо сирф публитсистӣ буда, дар онҳо забон ва шеваи

[4] Мусулмонкулов, Р. Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ / Р. Мусулмонкулов. – Душанбе: Маориф, 1988. – С. 33

баёни муаллифон аслан журналистӣ мебошад. Ба ин гуна асарҳо китоби М. Тоштемиров, С. Фаттоев «Шоҳроҳи сулҳофарӣ ва бунёдкории Президент Эмомалӣ Раҳмон» (2008), Н. Абдулваҳҳоб, У. Шерхон «Ваҳдатовар» (2014), А. Раҳим «Пайвандгари марзҳо ва дилҳо» (2011)-ро метавон далел овард.

Дар асарҳои Б. Муртазо «Нақби Истиқлол», Н. Абдулваҳҳоб, У. Шерхон «Ваҳдатовар», Ш. Мӯсо «Мардистон», «Достони Роғун», «Ҷасорат», М. Тоштемиров «Шоҳроҳи сулҳофарӣ ва бунёдкории Президент Эмомалӣ Раҳмон», маҷмӯаи «Пайвандгари марзҳо ва дилҳо» ва ғайра марҳилаҳои бунёдкорӣ дар ҷумҳурӣ, ки бо талошу иқдомҳои Пешвои миллат роҳандозӣ гардидаанд, инъикос ва бозтоби воқеӣ ёфтаанд. Мусаллам аст, ки ҳар яке аз ин адибон ва публитсистон бо сабку услуби хос, дарку ҷаҳонбинии фардӣ, сар фурӯ бурдан ба умқу паҳнои ҳодисаҳо (воқеият), қобилияти вижа ва истифода аз далоилу арқоми муътамад ба тасвири корҳои созандагӣ ва дар ин замина, офаридани симои воқеии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон саъй кардаанд. Дар ин замина, хусусиятҳои жанрии навиштаҳо, риояи қавонину аркони услуби публитсистӣ, такя намудан ба далелҳо, бозтоби ҳақиқат, тасвири ҷузъиёт ва дар умум, то чӣ ҳад муваффақ гардидани публитсистони тоҷик дар инъикосу тасвири тантана ва шукӯҳу шаҳомати раванди бунёдкорӣ дар кишвар мавқеи муҳимро ишғол мекунад. «Таҳқиқи бадеии коргари имрӯза аз ҳамин нуқтаи назар яке аз вазифаҳои муҳимми нависандагон»[5] ба ҳисоб меравад.

Аз навиштаҳои публитсистону адибон маълум мегардад, ки саҳм ва нақши Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими сулҳу субот, ваҳдату якдилии мардуми кишвар, созандагию ободонӣ ва рушду тараққии Ҷумҳурии Тоҷикистон мондагор аст. Табиист, ки марҳилаҳои ба сари қудрат омадани Президент Эмомалӣ Раҳмон, ки он вақт Раиси Шӯрои Олии кишвар буд, талошу пайкорҳояш баҳри ваҳдат ва сари мизи гуфтушунид нишастан бо неруҳои мухолифини тоҷик, тадриҷан расидан ба сулҳу оштӣ, баргардонидани гурезаҳо аз марзи Афғонистон, бо ҳаёти осоишта шурӯъ намудани мардуми тоҷик, вусъат ёфтани раванди созандагӣ, рушду тараққии саноат ва иҷтимоиёт, дастовардҳои иқтисодии мамлакат, пешравиҳои соҳаҳои маориф, фарҳанг ва тандурустӣ аз ҷониби публитсистон бо сабку услуби вижа ва маҳорату ҳунари нигорандагии мухталиф инъикос ёфтааст.

Боби сеюм «**Таносуби воқеият ва бадеият дар бозтоби симои Пешвои миллат**» номгузорӣ шуда, шомили ду фасл мебошад. Дар он таносуби жанрҳо, ҳунари нигорандагии адибону публитсистон, бадеият ва воқеият дар тасвири осори публитсистӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ карор дода шудааст. Дар фасли аввали ин боб – **«Имконоти жанрҳои**

[5] Бақозода, Ҷ. Ҷустуҷӯҳои эҷодӣ дар насри тоҷик / Ҷ. Бақозода. – Душанбе: Ирфон, 1982. – С. 105.

**публитсистӣ дар офаридани симои шахсияти таърихӣ»** ҳунари нигорандагии адибону публитсистон дар тасвири образи Пешвои миллат дар заминаи жанрҳои лавҳаю очерк баррасӣ шудааст. Дар публитсистика барои тасвири симои шахсиятҳои бунёдкор ва инъикоси корномаи онҳо аз жанрҳои гуногун истифода менамоянд. Жанр имкон медиҳад, ки мазмуну мундариҷа дар қолаби муайян, ҷолиб ва муассир инъикос шавад. Муҳаққиқон жанрро ҳамчун «намуди маводи публитсистӣ»[6], «имкони истифодаи воситаҳои муассиркунандаи баён»[7], «шакли хурди адабӣ ва баъзан навъи адабӣ»[8], «доираи фарогирӣ ва таъйиноти мушаххас»[9] ва амсоли инҳо шарҳ додаанд. Жанрҳо соҳаҳои алоҳидаи эҷодро муайян мекунанд, онро ба вуҷуд меоранд ва ташаккулу инкишоф медиҳанд. Ба таъбири С. Гулов, «Объекти таҳқиқу тасвири публитсистика воқеияти реалӣ буда, бо инкишофи худ ин вазифаашро боз ҳам такомулу рушд додааст».[10]

Нависандагону публитсистон дар тасвири корномаҳои Пешвои миллат асосан аз имконоти жанрҳои лавҳаву очерк ва қиссаҳои ҳуҷҷатӣ истифода кардаанд. Зеро, чунонки М. Муродов навиштааст: «...образи бадеӣ, асосан, хоси жанрҳои публитсистӣ – бадеӣ: лавҳаю очерк ... мебошад».[11]

Лавҳа жанри нисбатан хурди публитсистӣ-бадеӣ буда, лаҳзаи ҳаёту корномаи инсони бунёдкор ва созандаро, ки фаъолияти пурвусъати ӯ дар ҷомеа мондагор аст ва ба рушду тавсеаи зиндагии иҷтимоӣ мусоидат кардааст, тасвир мекунад. Кору пайкори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар дигаргуниҳои ҳаёти иқтисодиву фарҳангии мардум барҷаста намудор аст, ки он аз назари адибону публитсистон дур намондааст.

Муаллифони лавҳаҳои «То роҳ сафед шавад…», «Инро бо мадади Худо Эмомалӣ Раҳмон ва асҳоби бошарафи ӯ кард…» ва «Тафсилоти як сафари пурхатар» дар офаридани симои ботинии қаҳрамон муваффақ гардидаанд. Ба таъбири И. Усмонов, «…дар чунин лавҳаҳо (лавҳаи портретӣ – Н. О.) мақсади ягона шиносондани шахсе аст, ки сазовори эҳтиром мебошад. Пас, аз ҳаёти вай чунон воқеаҳоро интихоб кардан ва навиштан лозим аст, ки ӯро ҳақиқатан шиносонад. Зоҳиран навиштани чунин лавҳа душвор нест. Аммо, барои вай сабаб, мавзӯъ, аз ҳама муҳим, чӣ хостани муаллиф аст».[12] Бояд зикр кард, ки дар офаридани

---

[6] Муродов, М. Донишномаи фарҳанги рӯзноманигорӣ / М. Муродов. – Душанбе, Аржанг, 2016. – С. 74
[7] Усмонов, И. Жанрҳои публитсистика / И. Усмонов. – Душанбе, 2009. – С. 4
[8] Мирзозода, Х. Луғати мухтасари адабиётшиносӣ / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1992. – С. 33
[9] Жанры советской газеты. – М.: Высшая школа, 1972. – С. 14-15
[10] Гулов, С. Махсусияти очерки муосири тоҷик / С. Гулов. – Душанбе: Дониш, 2012. – С. 9
[11] Муродов, М. Публитсистикаи ҳаҷвӣ (Масъалаҳои пайдоиш, инкишоф ва таҳаввул) / М. Муродов. – Душанбе: Ирфон, 2015. – С. 230
[12] Усмонов, И. Жанрҳои публитсистика / И. Усмонов. – Душанбе, 2009. – С. 91

симои Пешвои миллат адибону публитсистон аз жанри лавҳа камтар ва аз имконоти жанри очерк бештар истифода кардаанд.

Асарҳои Абдулҳамид Самад «Заҳри носозӣ ва шаҳди ошноӣ», «Армони ҳазорсола», «Роҳи шараф», Саттор Турсун «Таҷовузи нохалаф ва худшиносии миллӣ», Кароматуллоҳи Мирзо «Рӯйдодҳои зиндагӣ», Низом Қосим «Пеши раҳи ту во бод..», Ҷонибек Акобир «Ваҳдати миллӣ – камоли матлабҳо», Холмурод Шарифов «Ваҳдати миллӣ ва шахсият», Маҷид Салим «Роҳ ба сӯйи нури хуршед», Темур Зулфиқоров «Сорбони корвони бахти миллат», Шералӣ Мӯсо «Президенти мо», «Қалби бузурги Президент», «Нури умед», «Бақои миллат», «Саодати рӯ ба гардун», «Нури ишқ», «Роҳи биҳишт», «Эъҷози дӯстӣ», Умари Шерхон «Нақбзан зад нақбу дар махзан расид», Ҳотам Файзуллоев «Дидор аз Мурғоб», Абдулқодири Раҳим «Шоҳроҳи Душанбе - Чанак: Бозсозӣ суръат мегирад», «Пайвандгари марзҳо ва қалбҳо», «Бахт ба рӯи ҳама механдад», «Фатҳи қуллаҳои дигар мушкил нест», «Роҳ оинаи кишвар аст», «Нақби Шаҳристон: дирӯз, имрӯз, фардо» ва ғайра аз ҷумлаи очеркҳоеянд, ки фаъолияти гуногунҷабҳаи Президенти мамлакатро фаро гирифтаанд.

Дар очеркҳои фавқуззикр раванди ба даст овардани сулҳ ва бунёдкориву созандагӣ дар ҷумҳурӣ, ки дар меҳвари ин ҳама пешравиҳо Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад, тасвир шудааст. Дар масъалаи ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, марҳалаҳою давраҳои гуфтушунид бо неруҳои мухолифи кишвар ва таҳкими якпорчагию субот дар қаламрави мамлакат нақлу бардоштҳои публитсистон ҷанбаи воқеӣ дошта, бо маҷмӯи арқому аснод асоснок шудааст. Инъикоси сохтакоронаи ҳодисоту воқеот дар навиштаҳои онҳо вуҷуд надорад. Муаллифон бо истифода аз воситаҳои муассири бадеӣ, таъбиру зарбулмасал, санъати муколамасозӣ, тасвири вусъатноки манзараҳои сохтмон (ё вазъи воқеии гуфтушуниду суҳбатҳо дар масъалаи ба даст овардани сулҳу ваҳдат) ва ҷузъиётнигорӣ симои Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмонро тасвир намудаанд, ки он муҳташаму барҷаста, ончуноне ки ҳаст, пеши назари хонанда равшан намудор мегардад. Онҳо тавонистаанд, ки мафҳумҳои «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ» ва «Пешвои миллат»-ро сареҳан маънидод намуда, хидматҳои Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмонро дар марҳалаҳои гуногуну мураккаб ва печидаву мушкили ташаккулу таҳаввули давлатдории навини тоҷик баён намоянд. Муаллифони воқеанигор ғояи бузурги бадеӣ, консепсияи олии нигориши публитсистиро дар масъалаи бозтоби реалии ҳодисаю воқеаҳои таърихии барои мардуми тоҷик сарнавиштсоз, ки бақою ҳастии миллатро таъмин кардаанд ва дар маркази кулли ин дигаргуниҳою тағйироти сиёсию иҷтимоӣ ва рушду пешравиҳо шахсияти созанда ва соҳибтафаккуру хирадманд Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад, тарғибу ташвиқ ва таъкиду таъйид намудаанд.

Дар фасли дуюми боби мазкур – **«Воқеияти иҷтимоӣ ва аносири ҳунарӣ дар тасвири образи қаҳрамони воқеӣ»** ҳунару маҳорати нигорандагии адибону публитсистон, ҷиҳати тасвири симои Пешвои миллат хислату характер, ҷасорату иродат ва санъати сиёсатмадории ӯ мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст. Ҳунари нигорандагӣ дар асарҳои «Меъмори ваҳдат», «Мардистон», «Ҷасорат», «Достони Роғун», «Нақби Истиқлол» ва «Корномаи Эмомалӣ Раҳмон» бештар ба мушоҳида расида, дар ин осор муаллифон бо сабку шеваҳои гуногун ва услуби хос ба таҷассуми корномаи Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саъю талош намудаанд.

Хусусияти умдаи асарҳои номбурда он аст, ки дар онҳо ҷанбаи нақлӣ нисбат ба тасвири бадеӣ бартарӣ дошта, истифода аз усулҳои мухталиф, амсоли тавсифи фикру андешаҳо бо корбасти зарбулмасалу мақол, ифодаю таъбирҳои мардумӣ, абёту қитъаҳои шеърӣ, тасвири манзараҳову ҷузъиёти кору зиндагӣ, зебоиҳои табиат, портретсозӣ, руҷӯъҳои лирикӣ, муколамасозӣ, рӯ овардан ба асноду ҳуҷҷат, далоилу арқом, пафоси баланди нигорандагӣ ва монанди ин фаровон аст.

Албатта, воситаҳои тасвири сухан дар асарҳои публитсистие, ки ба кору фаъолият ва зиндагиномаи Президенти кишвар бахшида шудаанд, яксон нест, балки дар яке камтару дар дигаре зиёдтар ба мушоҳида мерасад. Ин амри табиӣ аст, зеро ҳунару санъати тасвиргароӣ ва нигориш дар ҳама яксону баробар буда наметавонад. Дар «Меъмори ваҳдат» васила асосии баёни воқеот ва офаридани характери одамон, бавижа хислатҳои ҳамидаи Президенти кишвар нақл аст. Ҳамбаста ба ин, муаллифон дар лаҳзаҳои зарурӣ барои таъкиду тақвияти манзараҳо ва лаҳзаҳои ба тасвир гирифтаашон ба эҷодиёти халқ, хусусан, ба ривояту афсона рӯ оварда, онро бо маҳорати баланд ва дар маврид корбаст намудаанд. Ин усул воқеияти асарро хира накарда, балки ба он рӯҳ бахшидааст. Чунонки профессор И. Усмонов қайд кардааст: «Равиши публитсистӣ метавонад дар осори адабӣ васеъ истифода шавад ва он гоҳ ин адабиёти публитсистӣ (романи публитсистӣ, шеъри публитсистӣ) ё асари оҳанги публитсистидошта хоҳад буд».[13]

«Ҷасорат» унвонгузорӣ шудани асар маънии таҳтонӣ дорад. Вожаи «ҷасорат» моҳияти рухдодҳои хатарнок барои давлату кишвари соҳибистиқлолро, ки бо талошу ҷонбозиҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сулҳу ваҳдат дар он барқарор ва мустаҳкам гардид, ифода мекунад. Як калима зарфияти тамоми арзишҳои миллӣ, ватандорӣ ва муборизаҳои мардумро таҳти роҳбарии Сарвари давлат баҳри бақои ҳастии миллат ва Ватан ва якпорчагии Тоҷикистон таҷассум намудааст.

Ҷиҳати тафовутпазири «Достони Роғун» он аст, ки дар он чеҳранигорӣ ҷойгоҳи хос дорад. Аслан, чеҳранигорӣ як омили равшан ба тасвир гирифтани кору фаъолияти қаҳрамон, ҷузъиёти зиндагии

---

[13] Усмонов, И. Назарияи публитсистика / И. Усмонов. – Душанбе, 1999. – С. 54

шахсӣ (оилавӣ) ва муносибати ӯ бо дигарон буда, маҳз ба ин васила характери қаҳрамон ба таври мукаммал ва дар фазои корӣ офарида мешавад. Мусаллам аст, ки «Достони Роғун» аз қиссаҳое таркиб ёфтааст, ки ба зиндагию меҳнати садоқатмандонаи коргарони бузургтарин сохтмони аср – НБО-и «Роғун» бахшида шудаанд.

Ҳамин тавр, асарҳои «Достони Роғун», «Нақби Истиқлол» ва «Меъмори ваҳдат» аз ҷиҳати шакл қиссаи ҳуҷҷатӣ буда, дар навъи очерк андар очерк навишта шудаанд. Ҳамчунин, дар баъзе аз қисматҳои ин асарҳо хусусияти лавҳа ва тасвирҳои эпизодӣ ба назар мерасад. Агар дар асарҳои «Меъмори ваҳдат», «Корномаи Эмомалӣ Раҳмон» ва «Ҷасорат» чунин лаҳзаҳо дар тасвири раванди ба даст овардани сулҳ дар кишвар истифода шуда бошад, дар «Достони Роғун», «Нақби Истиқлол» ин ҷузъиётро раванди бунёдкориҳо пурра кардаанд. Дар ин асарҳо омезиши хусусиёти жанрҳои мақола, очерк, лавҳа ва ҳикояро мушоҳида мекунем. Муаллифон муҳокима, иқтибос, тасвир, нақл ва андешаҳояшонро ба ҳам омезиш дода, шеваи нави тасвиргароиро ба вуҷуд овардаанд. Сохтани сужа, офаридани характер, хислат, тип ва образҳои воқеӣ аз ҳунари баланди нигорандагии онҳо дарак медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта ба таври мухтасар дар 16 банд зикр гардидааст. Аз ҷумла:

